آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

14 июни соли 2025
Шанбе
№ 48 (15163)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Муносибат

## ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – КИШВАРИ ДОРОИ ИМКОНИЯТҲОИ БУЗУРГ БАРОИ САРМОЯГУЗОРӢ

***Дар ҷаҳони имрӯз, ки босуръат тағйир меёбад, барои ҳар як давлат суботи сиёсӣ, кушодагии иқтисодӣ ва ҳамкории байналмилалӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар чунин давраи мураккаб ва масъулиятнок, баргузор гардидани Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд дар кишварамон на танҳо марҳилаи нави рушди Ўзбекистон, балки афзудани нуфузи он дар арсаи байналмилалиро низ ба таври равшан нишон медиҳад. Ин ҳамоиш боз як бори дигар собит месозад, ки Ўзбекистон кишвари боз, ҳуқуқбунёд ва шарики боэътимод аст, сиёсати хориҷии он барои сулҳ, рушди устувор ва эҳтироми арзишҳои инсонӣ хидмат мекунад.***

Бо ташаббуси Президенти кишвар чорумин маротиба баргузор шудани ин ҳамоиши бонуфуз бори дигар аз он далолат медиҳад, ки Ўзбекистони Нав бо сиёсати худ, ки бар рушди устувор, ҳамкории баробарҳуқуқ ва гиромидошти қадри инсон асос ёфтааст, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи хос касб мекунад.

Дар форуми имсола, қариб 3 ҳазор меҳмони хориҷӣ аз тақрибан 100 кишвар, созмонҳои бузурги тиҷоратӣ ва молиявӣ, сарони давлатҳо, аз ҷумла меҳмонони воломақом аз кишварҳои дӯсту ҳамсоя чун Булғория, Словакия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Озарбойҷон ва Туркманистон ширкат доштанд, ки ин ҳама шаҳодати эҳтиром ва эътимод ба Ўзбекистон аст.

Масъалаҳои муҳим, ки Сарвари давлатамон дар суханрониҳояшон борҳо таъкид карданд, паймон ба принсипҳои сулҳ, субот ва инсондӯстӣ, зарурати ёфтани роҳҳои муштараки ҳал барои мушкилоти глобалӣ — на танҳо барои минтақаи мо, балки барои ояндаи тамоми башарият аҳамияти ҳаётӣ доранд.

Мавқеи инсондӯстона ва созандаи Ўзбекистон нисбат ба вазъияти мураккаби геосиёсии ҷаҳон, пойгаи мусаллаҳшавӣ, амнияти озуқаворӣ, тағйирёбии иқлим ва бӯҳронҳо дар манотиқе чун Афғонистон ва Ғаззо — барои мо манбаи ифтихор ва масъулият аст.

Муҳимтарин ҷиҳати форум — расидан ба марҳилаи нав дар мавқеъгирӣ нисбат ба сармоягузорист. Имрӯз сармоя танҳо василаи даромади иқтисодӣ набуда, балки ҳамчун омили таъминкунандаи сулҳ, адолат ва арзиши инсонӣ арзёбӣ мегардад, ки ин як дастоварди сиёсиву фалсафии Ўзбекистони Нав аст.

Дар кишварамон дар самтҳои афзалиятнок чун энергетикаи «сабз», иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, технологияҳои молиявӣ ва маъданҳои технологӣ ислоҳоти фарогир амалӣ мешаванд. Натиҷаҳои баланди рейтингҳои байналмилалӣ, ташкили сохторҳои мустақили молиявӣ — ҳамаи инҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки мо, ҳамчун депутатҳои парлумон, бояд фаъолияти қонунгузориро ба марҳилаи нав бардорем.

Дар ин замина мехоҳам таъкид кунам, ки парлумон нақши худро дар ташкили муҳити нави сармоягузорӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ, фароҳам овардани низоми шаффоф ва устувор барои соҳибкорӣ боз ҳам тақвият медиҳад. Қонунҳои муҳим ба монанди «Дар бораи Фонди алтернативии сармоягузорӣ», кафолатҳои сармоягузорӣ ва танзими ҳуқуқии хусусигардонӣ таҳия ва баррасӣ шуда истодаанд.

Сармоягузорӣ танҳо пул нест, он эътимод, ҳамкорӣ ва дурнамо аст. Аз ин ҷиҳат, Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд боз як бор собит месозад, ки Ўзбекистон кишвари барои муколамаи боз бо ҷаҳониён омода буда, низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии боэътимод дорад.

Ташаббусҳо чун таъмини шароити баробар барои сармоягузорон, ҷорӣ кардани «режими миллӣ», «равзанаи ягона», ширкати байналмилалӣ дар бозори IPO ва такмили инфрасохтори логистикӣ — на танҳо барои рушди иқтисодӣ, балки барои суботи геосиёсӣ низ аҳамият доранд.

Имрӯз Ўзбекистон на танҳо сармоягузорӣ, балки сулҳу ҳамдигарфаҳмиро низ ба ҷаҳон содир мекунад. Вазифаи минбаъда — таҳкими ин эътимод тавассути қонунгузории одилона, идоракунии шаффоф ва сиёсати башардӯстона аст.

**Ҷавлон АБДУЛЛОЕВ, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## ИМКОНОТИ НАВ, САЪЙ БА ПЕШРАФТ ВА ОМОДАГӢ БАРОИ ҲАМКОРӢ

### Иштирокдорон ва коршиносони хориҷӣ дар бораи чорумин Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд

Дар Тошканд чорумин Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд — як чорабинии бузургмиқёс, ки мақоми Ўзбекистонро ҳамчун иштирокдори муҳими муколамаи сармоягузории ҷаҳонӣ боз ҳам мустаҳкам кард, ба поён расид. Дар ин чорабинӣ сарони давлат ва ҳукуматҳо, роҳбарони ширкатҳои бузурги трансмиллӣ, намояндагони муассисаҳои бонуфузи молиявии байналмилалӣ, сармоягузорон ва ҳайатҳо аз доираҳои соҳибкории қариб 100 кишвари ҷаҳон иштирок карданд.

Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев зимни суханронӣ дар ифтитоҳи форуми бонуфуз изҳор дошт, ки «Биёед, якҷоя чунин муҳити сармоягузориро фароҳам оварем, то ба мо на танҳо имконияти ба даст овардани фоидаро муҳайё намояд, балки заминаи боэътимоде гардад, ки арзиши инсонро баланд мебардорад, манфиатҳои ҳаётии ўро таъмин мекунад ва ҷомеаро пеш мебарад!»

Барномаи форум силсилаи ҷаласаҳои панелӣ, «мизи мудаввар» ва мубоҳисаҳоро дар бар гирифт, ки ба масъалаҳои мубрами иқтисоди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ҳамкориҳои сармоягузорӣ, рушди устувор, трансформатсияи рақамӣ ва рушди «сабз» бахшида шуданд. Мавзӯъҳо афзалиятҳои рӯзномаи иқтисодии муосирро инъикос намуда, ҳам дар байни соҳибкорон ва ҳам дар миёни коршиносон завқмандии зиёдро ба вуҷуд оварданд.

Форум барои муаррифии имкониятҳои сармоягузории Ўзбекистон ба як минбари асосӣ табдил ёфт. Ба иштирокдорон лоиҳаҳои нави соҳаи энергетика, инфрасохтор, саноат, кишоварзӣ, сайёҳӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, инчунин ислоҳоте, ки барои беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон равона шудаанд, пешниҳод гардиданд.

Иштирокдорон ва ҳам коршиносони байналмилалӣ ба аҳамияти рӯзафзуни Форуми сармоягузории Тошканд ҳамчун як платформаи самаранок дар барқарорсозии шарикӣ, мубодилаи таҷриба ва баррасии ташаббусҳои стратегӣ ишора карданд.

**Одил Рено-БАССО, Президенти Бонки аврупоии Таҷдид ва Рушд:**



– Агар дар бораи ислоҳот ва либерализатсияи иқтисод гап занем, барои Ўзбекистон муҳим аст, ки иқтидори сармоягузории хусусиро боз ҳам васеъ намояд. Гарчанде ки дар хусусигардонӣ ва тақвияти заминаҳои танзимкунанда пешрафти назаррас ба даст омадааст, боз ҳам корҳои зиёде бояд анҷом дода шаванд, то муҳити соҳибкорӣ беҳтар ва рушди бахши хусусӣ ҳавасманд карда шавад.

Натиҷаҳое, ки то имрӯз ба даст омаданд, хеле умедбахшанд. Масалан, сармоягузорӣ ба энергетикаи барқароршаванда ҳаҷми назарраси сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ҷалб намуд, ки ба фаъолшавии иқтисодӣ мусоидат карда, самараи мусбат доданд. Дар солҳои охир ҳаҷми сармоягузориҳо пайваста меафзояд ва Ўзбекистон ба қатори панҷ кишвари пешсаф аз рӯи ҳаҷми сармоягузориҳои Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) шомил шудааст. Мо умед дорем, ки ин тамоюли мусбат дар солҳои наздик низ идома хоҳад ёфт.

Ўзбекистон инчунин дар рушди ҳамкориҳои минтақавӣ нақши калидӣ мебозад, ки ба ҳамгироии иқтисодӣ ва пайванди мутақобила мусоидат мекунад. Ин кишварро барои лоиҳаҳои фаромарзӣ, махсусан дар соҳаҳои инфрасохтор ва идоракунии захираҳои об, ки барои рушди устувор ниҳоят муҳиманд, ҳарчи бештар ҷолиб мегардонад.

**Идракас ДАДАСОВАС, раиси раёсати корпоратсияи байналмилалии «Penki Kontinentai Group»:**



– Ман дар ин форум бори аввал иштирок намекунам ва ҳар дафъа итминон ҳосил менамоям, ки он то чӣ андоза дақиқ ва касбӣ ташкил карда мешавад. Ин форуми одӣ набуда, як рӯйдоди муҳими байналмилалӣ аст, ки ба он омодагии ҳамаҷониба мебинанд. Зеро, ҷамъ овардани чунин афроди серкор ва нуфузманд аз тамоми ҷаҳон худ нишондиҳандаи эътимоди баланд ба муҳити сармоягузории Ўзбекистон мебошад.

Ман мебинам, ки чӣ гуна бо суръати баланд қарорҳои марбут ба коркарди рақамии маълумот дар тамоми сохторҳо татбиқ мешаванд. Ин аз кори амиқи стратегӣ шаҳодат медиҳад, ки дар сатҳи давлатӣ пеш бурда мешавад. Диққати махсуси Президенти кишвар ба масъалаҳои навсозӣ ва рақамикунонӣ гувоҳи он аст, ки Ўзбекистон стратегияи рушди дарозмуддат ва андешидашударо амалӣ менамояд.

Имрӯз дар Ўзбекистон лоиҳаҳои бузурге татбиқ мегарданд, ки ба таҳкими инфрасохтор нигаронида шудаанд. Мебинам, ки чӣ гуна қонунгузорӣ тағйир меёбад ва ин тағйирот бидуни монеаҳои бюрократӣ, бо равандҳои фаъол ва муассир сурат мегирад. Ин махсусан барои мо, намояндагони тиҷорат, бисёр муҳим аст.

Ман тез-тез ба Тошканд меоям. Ин шаҳри офтобӣ, меҳмондӯст ва зебо аст. Ҳамеша хушоянд аст ба ин ҷо баргаштан.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Аксарияти аҳолии маҳаллаҳои Водили ноҳияи Фарғона дар замини наздиҳавлии худ аз рӯи парвариши малина таҷрибаи зиёд доранд. Ин намуди резавор, ки хусусияти шифобахшӣ дорад, ба ҳамаи минтақаҳои мамлакат расонда мешавад. Хушбахтона, солҳои охир деҳқонони ноҳия баробари навъҳои маҳаллӣ, аз навъҳои содиротии Аврупо низ ҳосили баланд ва даромади зиёд мегиранд. Ҳозир дар беш аз панҷ ҳазор замини наздиҳавлӣ ва хоҷагиҳои фермериву деҳқонӣ, ҷамъ ҳазор гектар майдон малина парвариш карда мешавад ва ҳосили он ба бозорҳои ҷаҳон содир мегардад. Имрӯз аз 14 гектар замини хоҷагии боғдории «Алпомиш Хосиятхон»-и ноҳия ҳосили малина ҷамъоварӣ шуда, дар қуттиҳои дорои шароити тозаи экологӣ ба содирот омода карда мешаванд.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ. (ЎзА).***



Дар мавзӯи муҳим

## ОИЛАҲО ПАРЕШОН, КӮДАКОН ОВОРА, ҶАВОНОН ДАР НИМАРОҲ...

***Оиларо ҷузви ҷамъият меҳисобанд. Бо вуҷуди он, ки ҳукумати Ўзбекистон бобати тарғиби ҳаёти солим ва ҳифзи оила ғамхории доимӣ зоҳир мекунад, мутаассифона, ҳанӯз ҳам дар байни ҷавонон вайроншавии ақди никоҳ зиёд ба назар мерасад. Чӣ бояд кард, то оилаи навбунёд вайрон нашавад?***

Хушбахтона, дар ҷомеаи мо инсонҳои хайрхоҳу дурандеш ва накӯкор бисёранд. Зиндагиномаи онҳо ба ҷавонон таъсири мусбат мерасонад. Духтари ҳамкасби мо – журналист ва адиби чирадаст, собиқ муҳаррири рӯзномаи «Зарафшон», сипас ҳокими ноҳияи Ургут Холмуҳаммад Нуруллоев (илоҳӣ охираташ обод бод!) Шоҳида Нуруллоева, ки алҳол мудири шуъбаи сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандии ноҳияи Самарқанд аст, аз ҷумлаи чунин касон маҳсуб меёбад.

Чанде пеш мо бо ӯ, дар коргоҳаш, ки дар деҳаи Ўрташайх ҷойгир аст, суҳбат кардем.

– Раҳматӣ падари бузургворам такрор ба такрор мегуфтанд, ки одобу хушмуомилагӣ нишони фазилати инсонӣ ва маданияти баланду истеъдод аст. Одамони бузург ҳамеша хоксор ва одӣ будаанд, – лаб ба сухан кушод мусоҳиби мо. – Бинобар ҳамин ҳам ҳар пагоҳирӯзӣ қабл аз оғози кор ин насиҳату маслиҳати қиблагоҳро ба ходимони идора гӯшрас мекунам.

Бояд таъкид намоям, ки ҷомеаи солим дар заминаи оилаҳои солим, бофарҳанг ва аҳлу тифоқ рушд мекунад. Афсус, як гурӯҳ мардум моҳияти зиндагониро танҳо дар серу пур, худсарона, бовиқору ҳавобаландона зистан медонанд. Бешубҳа, дар байни навхонадорҳое, ки аз фарҳанги оиладорӣ фарсаххо дуранд, сабру тоқат, дурандешӣ надоранд, вайроншавии ақди никоҳ бештар ба назар мерасад. Сари ин масъала на фақат идораҳои ҳуқуқу тартибот, амини деҳаҳо, балки падару модарон, худи наварӯсону домодҳо низ бояд ҷиддӣ андешанд. Охир, садҳо тақдир шикаста, садҳо кӯдак овора, садҳо ҷавонон дар нимароҳ мемонанд...

Танҳо соли гузашта як ҳазору 705 нафар ақди никоҳ бастанд, вале 435 оила ҷудо шуданд. Дар шаш моҳи соли равон 387 нафар оилаи нав бунёд кардаанд, вале на ҳамаи онҳо соҳиби бахт шудаанд. Ноҳияи мо дар вилояти Самарқанд ба маънои манфиаш дар рӯйихати «ифтихориён» аст.

(Давомаш дар саҳ.2).

## РАИСОНИ МАҲАЛЛАҲО БАРОИ ПАНҶ СОЛ ИНТИХОБ ШУДАНД

***Дар маҳаллаҳои ноҳияи Сӯх интихоботи раисони ҷамоатҳои шаҳрвандон идома дорад. Ёдовар мешавем, ки дар ин ноҳия беш аз 80 ҳазор аҳолӣ дар 27 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо муттаҳид карда шудаанд. Ин ҷамоатҳои шаҳрвандон бар асоси қонунҳои мавҷуда фаъолият мекунанд ва ба мардум хидмат мерасонанд.***

– Ҳар як интихобот бо ширкати васеъи сокинони маҳаллаҳо ба вуқӯъ мепайвандад. Аллакай сокинони чанд ҷамоати шаҳрвандони маҳалла аз роҳи демократӣ раиси худро интихоб карданд. Муҳимаш, ин чорабинии муҳими сиёсӣ хеле муташаккилона мегузарад, – мегӯяд раиси бахши ноҳиявии иттиҳодияи маҳалла Қосимҷон Ҳайдаров.

Ба гуфтаи ӯ дар интихоботе, ки дар маҳаллаи Қақири ноҳия баргузор шуд, сокинони он хеле фаъолнокӣ нишон доданд. Дар оғози интихобот овоздиҳандагон бо барномаҳои пешазинтихоботии номзадҳо шинос шудаанд. Пас аз ин раванди овоздиҳӣ оғоз гардид ва тибқи натоиҷи интихобот, раиси феълии маҳалла Юнусҷон Аминҷонов бо гирифтани 94,3 дарсади овозҳо дубора барои 5 соли дигар ба мақоми раиси ҷамоати шаҳрвандони ин маҳалла интихоб шудааст.

– Инчунин маъракаҳои интихоботи раисони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Мӯлгон, Ҳушёр, Чумоқча, Зангат, Себзор ва амсоли он бо иштироки фаъоли сокинони маҳалла баргузор гардиданд. Аз ҷумла, интихоботи раиси маҳаллаи Зангат дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 25 баргузор гардид. Дар интихобот овоздиҳандагон аз ҳуқуқи овоздиҳӣ пурра истифода карданд. Дар натиҷа раиси нави ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Зангат Ҷамшед Уводуллоев тавонист аксарияти овозҳоро ба даст орад ва раис интихоб шавад, – изҳор намуд Қ. Ҳайдаров.

– Ман бори аввал аст, ки дар интихоботи раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаамон иштирок кардам. Он хеле хуб ва дар фазои демократӣ гузашт. Баргузории ин маъракаи сиёсӣ аз тарафи ниҳодҳои маҳаллӣ хеле хуб ташкил карда шуд. Гузашта аз ин, шиносоӣ бо барномаи пешазинтихоботии даъвогарон ба мақоми раиси маҳалла саволҳои зиёди райъдиҳандагонро аз байн бурд, – мегӯяд бо қаноатмандӣ сокини ҷамоати шаҳрвандони яке аз маҳаллаҳои деҳаи Ҳушёр Ҷавоҳир Мамашарифов.

Интихоботи раисони ҷамоатҳои шаҳвандони маҳаллаҳои ноҳияи Сӯх идома дорад.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ИМКОНИЯТҲОИ НАВ, САЪЙ БА ПЕШРАФТ ВА ОМОДАГӢ БАРОИ ҲАМКОРӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

**Йованка ПОРШЕ, раис ва муассиси ташкилоти «Global Neighbours»:**



– Ба назари ман, Ўзбекистон барои ба маркази байналмилалии сармоягузории Осиёи Марказӣ табдил ёфтан тамоми имкониятҳоро дорад. Ин нақш на танҳо имконпазир, балки имрўз ниҳоят зарур аст. Ҳамгироии минтақавӣ, гарчанд тадриҷан сурат мегирад, метавонад дар ин раванд нақши калидӣ бозад. Ин на танҳо ба Ўзбекистон, балки ба тамоми минтақа дахл дорад. Аммо маҳз Ўзбекистон дорои иқтидори зарурӣ ва афзалиятҳои геоиқтисодӣ аст, то ба маркази ҷалби сармоягузорӣ ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ табдил ёбад.

Агар дар бораи муҳити сармоягузорӣ гап занем, мехоҳам зикр намоям, ки ин аввалин сафарам ба Ўзбекистон аст ва ман танҳо таассуроти мусбат гирифтам. Муҳите, ки дар ин ҷо эҳсос кардам, бароям Чини солҳои пешро ба ёд меорад — замоне, ки ман дар он ҷо кор мекардам. Он солҳо рўҳи тағйирот ва эҳсоси имкониятҳои беандоза эҳсос мешуд. Маҳз ҳамин рўҳияро ман ҳоло дар Ўзбекистон эҳсос мекунам. Дар ин ҷо рўҳияи боз будан ба имкониятҳои нав, саъй ба пешрафт ва омодагӣ ба ҳамкорӣ вуҷуд дорад. Ин рўҳбаландкунанда аст ва ба ояндаи кишвар ҳамчун самти ҷолиби сармоягузориҳои байналмилалӣ боварӣ мебахшад.

**Ҷжан ХЭ, продюссери иҷроияи Шабакаи телевизионии ҷаҳонии Чин (CGTN):**



– Боварӣ дорам, ки чорумин Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд ба як марҳалаи муҳим дар беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ дар Ўзбекистон ва ҷалби сармояи ҷаҳонӣ ба иқтисоди кишвар табдил меёбад.

Ислоҳоти иқтисодие, ки дар солҳои охир дар Ўзбекистон дар самтҳое чун содасозии низоми андозбандӣ, пуштибонии бахши хусусӣ ва озодсозии тиҷорати хориҷӣ амалӣ мешаванд, барои сармоягузорон шароити муфидтарро фароҳам овардаанд. Ин раванд барои идомаи устувори ҷараён ва таҳкими эътимоди сармоягузорони хориҷӣ омили ҳалкунанда аст.

Ўзбекистон дар соҳаҳое чун саноат, энергетикаи «сабз», кишоварзӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва сайёҳӣ иқтидори бузург дорад. Дар ҷараёни форум лоиҳаҳои нав пешниҳод гардиданд. Ин ба диверсификатсияи сармоягузорӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда мусоидат мекунад.

Бешубҳа, чорумин Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд, ки минбари арзёбии ислоҳоти иқтисодии Ўзбекистон мебошад, барои ҷалби шарикони нав, татбиқи лоиҳаҳо ва самтҳои стратегии нав такони қавӣ мебахшад.

**Эмин ГАРИБЛӢ, дотсенти кафедраи иқтисоди Донишгоҳи давлатии иқтисодии Озарбойҷон:**



– Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд на танҳо ба як минбари калидии иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ табдил меёбад, балки ҳамчун воситаи муҳими амиқтарсозии равандҳои ҳамгироӣ байни Аврупо ва Осиё хидмат мекунад.

Форум мақоми Тошкандро ҳамчун маркази минтақавии ҷалби сармоягузорӣ таҳким бахшида, иродаи устувори кишварро дар самти пешбурди ислоҳот дар доираи стратегияи «Ўзбекистони Нав» ба таври возеҳ нишон медиҳад.

Аҳамияти иловагии ин форумро ширкати намояндагони воломақоми кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла Сарвазири Словакия Роберт Фитсо ва Президенти Булғория Румен Радев, ки бо даъвати Президент Шавкат Мирзиёев ба Тошканд омадаанд, бештар мегардонад. Ин сафарҳо на танҳо тамоюлҳои стратегиро дар сиёсати иқтисодии хориҷии Ўзбекистон нишон медиҳанд, балки ба имзои созишномаҳои мушаххас дар соҳаҳое чун амният, ҳамкориҳои рақамӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ мусоидат мекунанд.

Дар доираи форум, ҳамкориҳои стратегӣ миёни Озарбойҷон ва Ўзбекистон — ду кишваре, ки дар сатҳи дуҷониба ва дар доираи Созмони давлатҳои туркӣ фаъолона ҳамкорӣ доранд, аҳамияти хоса пайдо мекунад. Озарбойҷон худро ҳамчун шарики калидӣ дар бахшҳои нақлиёт, энергетика, иқтисоди рақамӣ ва кишоварзӣ муаррифӣ намудааст. Ширкати он дар долонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Долони миёна-шаҳри Бокуро ба як ҳалқаи стратегии меъёри нави ҳамкориҳои байниқитъавӣ табдил медиҳад.

Талошҳои муштараки Озарбойҷон ва Ўзбекистон дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва «сабз», дастгирии ташаббусҳои рақамӣ ва ҳамкориҳо дар рушди устувор барои навсозии технологӣ ва ҳамгироӣ ба бозорҳои Аврупо ва Осиё уфуқҳои навро мекушоянд. Ин равандҳо бо иродаи сиёсӣ ва иқтидори сармоягузории ҳар ду кишвар дастгирӣ ёфта, нақши онҳоро ҳамчун неруҳои пешбарандаи рушди устувор дар минтақа тақвият медиҳанд.

Аз ин рў, чорумин Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд на танҳо як майдон барои муаррифии имкониятҳои сармоягузории Ўзбекистон аст, балки нуқтаи муттаҳидсозии талошҳои давлатҳои турк барои пешбурди манфиатҳои муштарак, тавсеаи ҳамкориҳои стратегӣ ва ташаккули фазои ягонаи ҳамкорӣ байни Аврупо ва Осиё низ мебошад.

**Иқболҷон ҚАРАБОЕВ, директори Маркази таҳқиқоти глобалӣ ва минтақавӣ (CEGREG), профессор (Қазоқистон):**



– Андозаи форуми имсола воқеан бесобиқа аст: тақрибан 3000 вакили хориҷӣ аз қариб 100 кишвари ҷаҳон ширкат варзиданд. Дар ин форум Намоишгоҳи миллии саноатӣ ва иқтидори сармоягузории Ўзбекистон ҷои махсусро ишғол кард, ки дар он 90 ширкати ватанӣ аз зиёда аз 10 соҳа — нафту кимиё, мошинсозӣ, саноати сохтмон, коркарди маҳсулоти хўрокворӣ ва дигар ширкат карданд. Ин минбар ба сармоягузорони байналмилалӣ имкон медиҳад, ки ба таври мустақим ба портфели лоиҳаҳои воқеиву омода ба ҳамкорӣ дастрасӣ пайдо кунанд.

Дар заминаи баргузории форум дар соҳаҳои энергетика, инфрасохтор, кишоварзӣ, истихроҷи маъданҳои фоиданок ва технологияҳои рақамӣ фаъолнокии баланд намоиш дода шуд — маҳз ҳамин самтҳо қодир ҳастанд, ки ба тағйироти сифатии сохтори иқтисодиёти минтақавӣ мусоидат кунанд.

Ба ибораи дигар, Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд ба як минбари пешрафта барои намоиши иқтидори саноатӣ ва иқтисодии Осиёи Марказӣ табдил ёфтааст. Ҳузури роҳбарони кишварҳо, сармоягузорони бузург ва бонкҳои байналмилалӣ аҳамияти стратегии форумро ҳамчун намоиши имкониятҳои минтақа бештар мекунад.

Илова бар ин, форум ба пешбурди кишварҳои минтақа дар сатҳҳои баланди занҷираҳои арзиши ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Гуногунрангии лоиҳаҳо дар бахшҳои энергетика, иқтисоди рақамӣ, коркард ва инфрасохтор нишон медиҳад, ки ҳаракат аз содироти анъанавии ашёи хом ба самти истеҳсоли маҳсулоти мураккаб ва инноватсионӣ ба вуқўъ мепайвандад.

Ниҳоят, форуми Тошканд мавқеи кишварҳои Осиёи Марказиро дар саҳни ҷаҳонӣ таҳким мебахшад.

Ҳузури густурдаи байналмилалӣ, бозтоб дар расонаҳои пешқадами ҷаҳонӣ ва иштироки муассисаҳои молиявии ҷаҳонӣ ба кишварҳои минтақа имкон медиҳанд, ки худро ҳамчун шарикони муҳим ва боэътимод дар фазои иқтисодии ҷаҳон муаррифӣ намоянд.

**АИ «Дунё».**

## Нақшаи шартномавӣ иҷро гардид



Кирмакпарварони вилояти Фарғона ба дастоварди калони меҳнатӣ соҳиб шуданд. Тавре ки дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят хабар медиҳад, кирмакпарварон 46 ҳазору 436 қуттӣ кирмак парвариш намуда, ба ҷойи 2 ҳазору 786 тонна нақшаи шартномавӣ ба давлат зиёда аз 2 ҳазору 900 тонна пиллаи хушсифат супурданд. Нақша 104,1 фоиз иҷро шуд.

Дар ин самт кирмакпарварони ноҳияҳои Ёзёвон, Бешариқ, Бувайда ва Қува аз аввалинҳо шуда иҷрои нақшаи шартномавиро таъмин карданд.

Парвариш ва супурдани пилла дар вилоят идома дорад.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ОИЛАҲО ПАРЕШОН, КЎДАКОН ОВОРА, ҶАВОНОН ДАР НИМАРОҲ...

(Аввалаш дар саҳ.1).

**– Шумо ҳамчун бонуи соҳибтаҷриба ва яке аз масъулиини соҳа ба чунин вазъи ногувор чӣ гуна баҳо медиҳед?**

– Ба ин, аввало омода набудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, сабаб бошад, баъдан дахолати шахсони сеюм, хиёнат, телефонбозӣ, булҳавасӣ сабабҳои дигаранд. Риштаи кандашударо дубора бастан имкон дорад, вале дар байн гиреҳ мемонад-ку?!

Инак, чанд пешниҳод:

Нахуст, бояд ба мақсади ташкил намудани оилаи нав арўсу домод аз ташхиси лабораторӣ гузаранд, ки оё ҳаёти ояндаи онҳо аз ҷиҳати мутобиқати ирсҳо зери шубҳа нест, сиҳҳату саломат ҳастанд ва оила барпо карда метавонанд. Мутахассисон собит кардаанд, ки ақди никоҳи хешу табор, яъне холаву тағобача, аммаву амакбача мутлақо мумкин нест.

Гузашт накардан дар муносибатҳои хонаводагӣ боз як сабаби парешонии оила мегардад.

Маълум аст, ки баъзе арўсон чун ҳанўз таҷриба надоранд, аз уҳдаи иҷрои кор, аз қабили тозаву озода нигоҳ доштани хонаву саҳни ҳавлӣ, пухтупаз ва дигар амалҳо баромада наметавонанд. Дар чунин ҳолат хушдоман бояд аз таъна задан ва барангехтани моҷаро худдорӣ кунад, то шаъну шарафи арўси худро дар байни дигар аъзои оила паст назанад, балки чун ба духтараш камбудии ўро бо лаҳни нарми маслиҳатомез ислоҳ кунад.

Сарвари давлатамон дар анҷуманҳои бонуфузу ҷамъомадҳои видеоселекторӣ борҳо таъкид кардаанд, ки фарҳанг ифодагари рўҳи миллӣ, расму оин, анъана ва хотираи таърихии ҳар халқу миллат буд ва хоҳад монд. Мероси маънавии аҷдод воситаи муҳимест, барои мустаҳкам кардани оилаҳо. Боиси хушнудист, ки дар рўзи таҷлили байналхалқии оила – 15 май омўзгори мактаби миёнаи рақами 21-уми ноҳия, сокини деҳаи Рустам Дилфуза Ҳайдарова бо нишони «Ибратли оила» сарфароз гардид. Ин мукофотро ба ў шахсан иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев супурда, самимона муборакбод намуд.

Ба қарибӣ дар кишвари мо моҳонаи «Фаровон оила сари» (аз 10-уми май то 10-уми июн) баргузор шуд. Дар он ноҳияи Самарқанд низ фаъол иштирок кард. Мақсад аз он мустаҳкам кардани пойдевори оила, эҳёи суннатҳост. Умед дорем, ки дар ноҳия шумораи соҳибони унвони «Ибратли оила» афзуда, коҳиши ақди никоҳ аз байн меравад.

**– Таманнои шумо ба навхонадорон?**

– Ман самимона мехоҳам, ки ҳамаи ҷавонон соҳиби бахту тахт бошанд. Вале барои хушбахт шудан дурандешу батамкин будан, ба насиҳату маслиҳати бузургон амал кардан лозим. Дар оиладоршавӣ набояд шитоб кард. Бесабаб мардро мард мекардагӣ, номард мекардагӣ ҳам зан, намегўянд. Солиян, зани солиҳа ба ҳама гуна оила нуру рўшноӣ меафзояд.

*Касе, ки ёри вафодори*
*меҳрубон дорад,*
*Саодати абаду умри ҷовидон*
*дорад.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**

*вилояти САМАРҚАНД.*

***Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ, Маркази ҷумҳуриявии санъати ҳаҷвнигорӣ ва аскияи ба номи Юсуфҷон қизиқ Шакарҷонов, Донишгоҳи давлатии Фарғона ва Донишгоҳи давлатии маданият ва санъати Ўзбекистон моҳи октябри соли ҷорӣ Анҷумани байналхалқии илмӣ-амалиро таҳти мавзўи «Аҳамияти ҳаҷвнигорӣ ва аскияи миллии ўзбек дар инкишофи маънавии ҷомеа» баргузор менамоянд.***

## БАРНОМАРЕЗИИ АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Дар он масъалаҳои «Чашмандозии ҷаҳониён ба мероси ғайримодиву мадании Ўзбекистон», «Рушди аскиягўӣ ва санъати ҳаҷвнигории миллӣ», «Аҳамияти фолклор дар омўзиши мероси миллию маданӣ», «Решаҳои таърихии анъанаҳои устоду шогирд дар аския» ва «Меъёрҳои ташаккули маънавиёт дар низоми арзишҳои миллӣ» баррасӣ мегарданд.

**Фарҳундаи РАВШАНЗОД,**

*шаҳри ФАРҒОНА.*

*Таърихи диёрро меомўзем*

# ЧАНД СУХАН ОИДИ БУНЁДИ ҚАЛЪАИ ВАРДОНЗЕ

***ё худ андешаҳо дар ҳошияи мақолаи Муҳаммади Шодӣ – «Падарашон нафаҳманд»***

Навиштаҳои Муҳаммади Шодиро оиди ҳамсари Нависандаи халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил, Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Розия Асророва аз «Овози тоҷик» (28.05.25, №43) хонда, дар дил нияте пайдо шуд, ки ба даст қалам гирифта, он чизеро, ки доир ба таърихи Қалъаи Вардонзе медонистам, рўйи коғаз оварда, бо хонандагон ба ҳам бинам.

Бино ба хабаре, ки академик Б. Ғафуров дар «Тоҷикон»-и безаволаш овардааст, Афросиёб дар воҳаи Зарафшон ба мақсадҳои ҳарбии мудофиа ва пешгирии талафоти ҷонии мардум ҳангоми обхезиҳои баҳорӣ беш аз ҳазор қалъа бунёд карда будааст. Нависанда Ибодат Раҷабова дар китоби тозанашри худ «Ромишметан афсоналари» хабар медиҳад, ки қалъаҳои Ғиждувон, Вардонзе ва Бўронтепаи ноҳияи Рометан аз тарафи вазири соҳибтадбиру пурдони Афросиёб — Пирон бунёд шудааст. Қалъаи Вардонзе аз маркази ноҳияи Шофиркон 9-10 км. дар ғарб ҷойгир аст. Муҳаммад Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» навиштааст, ки майдони ин қалъа қариб як гектар буда, баландиаш 20 метр мебошад. Замоне дар ин ҷо подшоҳон истиқомат кардаанд. Дар қисми беруни он ҳоло харобаҳои шаҳраке боқӣ мондааст, ки дар ин ҷо хизматкорони махсус бо аҳли оилаашон истиқомат мекарданд. Атрофи шаҳрак бо девори баланди ҳафтпохсагии мудофиа иҳота карда шудааст. Майдони боқимондаи ин шаҳрак тақрибан 7-8 гектар буда, бо гузашти вақт мардум онро партофта рафтаанд ва охирин оила соли 1943 ин ҷоро тарк кардааст. Танҳо момои Руқия яккаву танҳо бист соли расо — то соли 1962-1963 дар байни харобаҳои шаҳрак, дар зиёратгоҳи Ҳазрати Бурқи Сармасти Худо зиндагӣ карда, чанд муддат пеш аз вафоташ ба хонаи духтараш Истадой ба деҳаи Вардонзеи кўҳна кўчида омадааст.

Танҳо қавми «мурдашўён», ки аз шаҳрак берун зиндагӣ доштa, чанд муҳлат ин ҷо низ умр ба сар бурдаанд, аввал дар деҳаи Ҳавлинав, баъдтар дар қисми шимолии деҳаи Партсъезд (ҳоло Қўрғони Вардонзе) кўчидаанд. Дар солҳои пурталотуми аввали асри бистум қисме аз аҳли савдои шаҳр ба шаҳри Қазалии ҳоло дар ҳудуди Қазоқистон, баъди инқилоби Бухоро бошад, шамоли тақдир куҷое барад, дар он ҷо маскун шуда мондаанд.

Ҳоло вардонзеҳиёнро аз Душанбеву Хуҷанду Афғонистон, Маскаву Лондон, Ню-Йорку Маккаву Мадина пайдо карда метавонед.

Дар оғози асри XXI Қорӣ Фазлиддин ном шахс, ки дар аввали солҳои асри бист дар Қалъаи Вардонзе ба олам омада, баъди инқилоби Бухоро ба Афғонистон фирор карда буд, аз Ню-Йорк ба Ватан меояд ва аз ҳисоби маблағи хеш барои ҳамдеҳагон масҷиди ҷомеъ месозонад, ки ҳоло ин масҷид номи «Қорӣ Фазлиддин»-ро соҳиб мебошад. Ў соли 2002 дар Амрико вафот кардааст...

Сайёҳони бухорӣ тамошои шаҳри Лондон мекарданд, ки ҷавоне аз шаҳри шариф будани онҳоро дониста, ба тарабхонаи зериобиаш бурда зиёфат медиҳад ва вақти бозгашташон мегўяд, ки ба зодгоҳи бобокалонаш Қалъаи Вардонзе саломи ўро бирасонанд.

Дар «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров омадааст, ки ...подшоҳи фирории Эрон Қубод соли 496-уми милодӣ ба паноҳи шоҳаншоҳи Бухоро —Хушнавоз меояд. Ў ҳар гоҳ, ки ба қабули шоҳ мерафт, аз вай барои бозгирифтани тахти Эрон лашкар мепурсид. Аммо ин пурсиш беҷавоб мемонд.

Тавре ки:

*Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс*
*парвоз,*
*Кабўтар бо кабўтар,*
*боз бо боз,*

гуфтаанд, шоҳаншоҳи Бухоро дере нагузашта, шоҳи бетахти Эронро ба худ домод мекунад ва ба ў шимоли Бухороро мебахшад. Аз ин хотир, дар баъзе адабиёти он солҳо ин ҳудудро «шоҳбахш» ба қалам гирифтаанд.

Қубод то соли 499 ин ҷо мондааст. Аз вай чанд фарзанд ба олам омада, баъди ў ба сулолаи «Вардонхудотҳо» асос гузоштаанд, ки то омадани арабҳо, яъне то соли 709, дар шимоли Бухоро ҳукмронӣ кардаанд. Оқибат Вардонхудот дар ҷанг кушта мешаваду ба арабҳо забти пурраи Бухоро муяссар мегардад.

Ғайр аз ин, қалъа дучори ҳуҷуми муғулҳо, русҳо, қарохитоиҳо, аз соли 1650 то соли 1680 се маротиба ба ҳуҷуми Хоразмшоҳиён дучор гардида, хароб гашта буд...

Дар Вардонзе бисёр шахсоне ба воя расидаанд, ки имрўз мояи фахри авлодон мебошанд. Дар садсолаи охир 13 нафар академик, 20 нафар доктороны илм, 49 нафар номзадҳои фан шудаанд, ки дар мактабҳои олии Ўзбекистон, Қазоқистон, Русия, Тоҷикистон, Туркманистон ва Қирғизистон дарс мегўянд. Ду нафар генерал-майор ва дувоздаҳ нафар полковник дар хизмати мардум ҳастанд. Аз кормандони «Овози тоҷик» бародарон Хўҷамурод, Султонмурод ва Авезмурод Қўлдошевҳо, Ислом Орифов, Амрулло Авезовҳоро тиррешаашон аз Қалъаи Вардонзе об хўрдааст. Академик Иброҳим Муъминов мактаби ибтидоиро дар Вардонзе хондааст.

Бобои модарии олими намоёни фолклоршиноси маъруф Тўра Мирзоев, падари профессори таърихдон Ҳасан Расулов, модари академик, Қаҳрамони Ўзбекистон Малика Абдуллохоҷаева аз деҳаи Тезгузар, ки дар доманаи Қалъаи Вардонзе ҷойгир аст, таваллуди шуда будаанд. Чунин маълумотҳоро дар китоби худам, ки «Гули сурх дар саҳро» ном дошта, дар он оиди таърихи Қалъаи Вардонзе сухан меравад, баён кардаам. Барои иншои ин китоб чоряк аср умри худро сарф кардаам, ки солҳои 2014 ва 2021 бо ҳаммуаллифии Сафар Абдуллоев дар теъдоди маҳдуд рўйи чопро дид.

Банда ба таври худ, эҳтимол аз маънии аслиаш хеле дур бошад, номи Вардонзеро чунин маънидод кардам: «вард» — гули сурх (дар китоби «Таърихи Самария»-и Абу Тоҳирхоҷа ин калима чун номи гули сурх маънидод шудааст), «он» — пайвандак ва«зи»— зиндагонӣ. Агар дар канори саҳрои беканори Қизилқум ҷо гирифтани Қалъаи Вардонзеро ба ҳисоб гирем, ўро чун «гули сурх дар саҳро» маънидод кардан мумкин аст...

Дар бораи мамлакати Вардонхудотҳо ҳанўз дар асри шашуми милодӣ солноманависони Чин маълумоти хаттӣ навиштаанд (нигаред ба қомуси «Ўзбекистон тарих силсилаларида», Тошкент соли 1992).

Бақия сайёҳи рус Е. К. Мейендорф соли 1820 дар ин шаҳрак шуда, харитаи роҳи наздиктар аз Оренбург то Бухороро кашидааст. Ў номи Вардонзеро ба тариқи Ургонзе навиштааст. Сайёҳи амрикоӣ Южин Скайлер ҳам дар китоби худ «Туркистон» оиди солҳои 1870-1873 дар шаҳраки Вардонзе шуданаш маълумот додааст.

Олими дигари рус Пашкеевич соли 1925 баъди зери реги равон мондани ин шаҳрак ба ин ҷо омада, барои таърих ногузир будани ҳалокати онро дарк карда, аз болои қалъа сурати онро ба лентаи нурдор сабт кардааст.

Соли 2015 банда меҳмони хонадони Ҷўрабой Зойиров шуда, аз Қалъаи Вардонзе будани он касро донистам. Ҷ. Зойиров дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон дар қисми разведка хизмат кардааст, ки инро шунида, илтимос кардам нақшаи шаҳраки Вардонзеро кашида диҳад. Ва бобои шодравон ин илтимоси бандаро иҷро карда буданд. Пас бо кумаки додари компутердон Санҷарҷон Орифов ва муаллими варзида Сафар Абдуллоев онро аз компутер баровардем ва дар китобамон чун мулки маънавии мардум пешкаши хонандагон кардем.

**Алимурод ТЕМИРОВ.**

*Вилояти БУХОРО.*

# ФЕСТИВАЛИ ОШ

***Дар вилояти Намангон 64-умин фестивали байналхалқии «Иди гул» давом дорад. Он ҳаводорони рамзи зебоӣ, муҳаббат, меҳр ва дўстиро дар як ҷо ҷамъ кард. Дар ҷашнвора на фақат аҳолии маҳаллӣ, балки меҳмонони хориҷӣ низ иштирок доранд. То имрўз дар фестивал зиёда аз 6 миллион нафар дўстдорони гул иштирок намуданд.***



Дар доираи фестивал якчанд чорабинии маданиву маърифатӣ ташкил гардидааст.

Аз ҷумла, дар боғи маданият ва истироҳати ба номи Мавлоно Лутфуллоҳи шаҳри Чуст «Фестивали ош» баргузор гардид. Дар баҳси ошпазҳо, аз тарафи ошпазони моҳири якчанд корхона ва ташкилот, муассисаву маҳаллаҳо дар 20 деги калон шоҳи таомҳо – ош пухта шуд.

Иштирокчиён аз рўйи номинатсияҳои «Ошпази моҳир», «Ҷавонтарин ошпаз», «Ошпази куҳансол», «Давомдиҳандаи сулолаи қадимтарин» ва «Ошпази моҳиртарини таоми миллӣ» ғолиб дониста, бо диплому туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Аброр Ҷўраев ҳамчун хурдтарин ошпаз дар ин тадбир иштирок намуд. Ў аз бобояш Ҷўрабой асрори ошпазиро омўхтааст.

Таассуроти Малика Наaранги ҳиндустонӣ бошад, аз ҳар чӣ баланд:

– Ба Намангон барои тамошои «Иди гул» омадам, – мегўяд меҳмон. – 10 рўз аст, ки дар тадбирҳои гуногун иштирок дорам. Ҳамааш зебову дилнишин. Одамони гуногунмиллат, ки либосҳои миллӣ пўшидаанд, ниҳоят бисёранд. Ин маънии онро дорад, ки дар кишваратон хотирҷамъӣ ҳукмфармост, ҳама шоду масрур ва кайфияти идона доранд.

Ташкилотчиёни чорабинӣ ошро ба оилаҳои камбизоат, ногироҳо ва оромгоҳҳои бачагона тақсим карданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# ҶАШНВОРАИ «АБРЕШИМ ВА ЗИРАВОР»

**_Дар Бухоро ҷашнвораи анъанавии XXI «Абрешим ва зиравор» ба амал омад. Дар он намояндагони Кумитаи сайёҳӣ, ҳокимияти вилоят, созмонҳои ваколатдори давлатҳои хориҷӣ дар мамлакатамон, расонаҳои ахбори оммавии хориҷию маҳаллӣ ва аҳолии таҳҷоӣ иштирок карданд._**






Баъди композитсияи таърихӣ иштироккунандагони чорабинӣ чун анъана зери садои мутантани карнаю сурнай аз майдони «Арк» сӯйи «Лаби ҳавз» – мадрасаи Нодир Девонбегӣ ба ҳаракат даромаданд. Шаҳри кӯҳнаи Бухоро, ки бо ороишоти идона дучанд зеботар шудааст, ба дилу дидаҳо фараҳ мебахшид.

Маросими кушодашавии ҷашнвора соати 9 дар маҷмӯи «Лаби ҳавз» сурат гирифт. Ҷонишини ҳокими вилоят Ботирҷон Шаҳриёров ва ҳокими шаҳри Бухоро Қурбон Турсунов иштироккунандагони тадбир ва ҳамдиёронро бо иди Қурбон ва фестивали анъанавии «Абрешим ва зиравор» муборакбод намуданд.

Сипас мувофиқи барнома дар маркази ахбор ва китобхонаи вилоятии ба номи Абӯалӣ ибни Сино анҷумани матбуот ва суҳбати «мизи мудаввар», баромади дастаҳои ҳунарии фолклорӣ, намоиши «мастер-класс» оид ба намудҳои ҳунар, намоиш ва савдои маҳсулоти абрешим ва ҳунармандии миллӣ, инчунин зиравор, инфомашварат таҳти унвони «Роҳи бонувон: асрори абрешим ва зиравор» дар мадрасаи «Истеъза», бозиҳои миллӣ ва варзишӣ дар майдони шарқии «Арк» баргузор шуданд. 7 июн намоиши мӯдҳои махсус бо иштироки тарроҳони маҳаллию хориҷӣ таҳти унвони «Silk & Spiceg Fashion days» дар майдони шарқии «Арк», намоиши галереяи миллии санъати тасвирӣ ва амалӣ дар майдони назди «Осорхонаи санъати Бухоро», намоиш ва савдои маҳсулоти абрешим ва ҳунармандии миллӣ, инчунин зиравор, баромадҳои ҷамоаҳои фолклорӣ, бозиҳои миллию варзишӣ дар самти «Арк», «Сайри оши палав», озмуни хӯрокҳои миллӣ дар ҳудуди мадрасаи «Чорманор» баргузор шуд.

8 июн баъди идомаи тадбирҳо дар доираи барномаи ҷашнвора дар майдони «Арк» маросими пӯшидашавии фестивал, гала-консерт ба амал омад. Дар он ҳокими вилоят Ботир Зарифов иштирокдорони тадбир ва меҳмонони онро ба Бухорои шариф хайрамақдам гуфта, таъкид намуд, ки солҳои охир дар Бухоро чун дар тамоми мамлакат таҳти роҳбарии Президент Ш. Мирзиёев воқеаҳои таърихӣ рӯй медиҳанд. Дар ин ҷо барои рушд ёфтани сайёҳӣ чораю тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Обрӯю эътибори Бухоро дар миқёси байналмилалӣ беш аз пеш меафзояд.

Дар қатори Қоҳира, Бамако чун пойтахти маданияти олами ислом эътироф гардидани Бухоро, соҳиби мақоми «Шаҳри ҳунармандони ҷаҳон» шудани он, қабул гардидани баённомаи Бухоро бобати кушодадилии динӣ ва дӯстии байни халқҳо ва ғайра инро собит месозанд.

Дар ҷараёни чорабинӣ ва маросими ҷамъбасти он ғолибони озмун ҳавасманд карда шуданд. Дар консерти хотимавӣ устодони санъати ҷумҳуриявию вилоятӣ, овозхонҳои шинохта ҳунарнамоӣ карданд.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҷашнвораи имсола аз мамлакатҳои хориҷӣ анқариб 100 нафар ҳунармандони пуртаҷриба, аз ҳудудҳои мамлакатамон зиёда аз 1,5 ҳазор устодони касби худ – ҳунармандони гулдаст ва тайёркунандагони зиравор иштирок карданд.

Тӯли 3 рӯз аз 70 мамлакати ҷаҳон беш аз 20 ҳазор сайёҳ, аз гӯшаву канори диёрамон бошад, қариб ним миллион нафар ҳамватанон ба Бухорои бостонӣ ташриф оварданд. Иди дӯстию ҳунармандӣ – ҷашнвораи «Абрешим ва зиравор»-и имсола чун воқеаи фаромӯшнопазир дар дилу дидаҳо боқӣ хоҳад монд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози точик» дар вилояти Бухоро.**

*Ахлоқ*

# ТАРБИЯИ ИНСОН

Агар ба таърихи инсоният назар андозем, мебинем, ки он аз омаду ноомад, хушбахтию бадбахтӣ, амонию хунрезӣ, бурду бохт пур аст. Ва бо ин ҳама то ба имрӯз омада расидааст.

Аз нуқтаи назари илмӣ инсон мавҷудоти олитарин мебошад. Неъмати бузургтарини вай ақлу заковат ва шуури ӯст. Инсон андешаҳояшро боз бо як неъмати дигар – забонаш баён месозаду бо дигарон дар робита мешавад.

Инсон дар ҳар кадом макон аслан барои созандагӣ ва бунёдкорӣ ба дунё меояд. Вале муҳит ба ӯ таъсир кардаву ба худ мутеъ месозад. Аз ин ҷо шуур, ақлу идрок ва тафаккури ӯ ба муҳити зиндагониаш вобастааст, яъне яке некбину некандеш, дигаре бадбину бадандеш, сеюмӣ бефарқу тамошобин ба воя мерасад. Яъне дар камолоти ӯ муҳити маънавии макони вай нақши бузург дорад. Ҳар як макон ва ҳар як миллат дорои муҳити маънавии хос ва анъанаҳои худ аст.

Инсони наврас хислату рафторро аз калонсолони атрофаш меомӯзад. Бинобар ин бо хислату хӯйи гуногун ба воя мерасад.

Инсон табиатан ба исён майл дорад. Вай ба қоидаю тартиботи ҳукмрони маҳалли зисти худ исён карда, беодобӣ мекунад, ба қонунҳои ноаёни ҳаёти маънавӣ исён намуда, дағалу ҷоҳил мегардад, бар муқобили қоидаю қонунҳои ҷамъият исён карда, ҷиноят содир менамояд. Дар ҳар як инсон ҷиҳатҳои мусбиву манфӣ мавҷуданд, мо бояд бештар ба ҷиҳатҳои мусбӣ эътибор диҳем, онро мунтазам зиёд кунем.

Дар тарбияи инсон амалҳои маънавиву маърифатӣ, динӣ таъсири бузург доранд. Барои некандешу некбин шудани инсон ғизои маънавӣ чун обу ҳаво зарур аст.

Хуб, ғизои маънавиро ба инсони наврас аз куҷо гирем ва онро чӣ тавр дар ӯ талқин кунем? Ин, пеш аз ҳама, ба василаи омӯзондани илму дониш, ҳаёти шахсони бузург, саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ ва ғайра даст медиҳад.

Мо бояд ба наврасон фаҳмонем, ки сарвати асосии инсон – ин ақлу хирад ва одобу дониши ӯст. Агар инсон бо ин сарват мусаллаҳ бошад, сарватҳои моддиро бо осонӣ дармеёбад.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
*ноҳияи Чуст.*




*Дар шаҳри Тирмиз давраи ҷумҳуриявии озмуни «Фолклори бачаҳо», ки бо ташаббуси мактаби бачаҳои «Авлоди баркамол» -и назди Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ баргузор мегардад, ташкил карда шуд. Озмун барои рушди арзишҳои миллӣ, фолклор, эҷодиёти шифоҳии халқ, инчунин, дастгирии ҷавонони истиқболнок аҳамияти муҳим дорад. Дар лоиҳа ҷамоаи фолклории мактаби бачаҳои «Авлоди баркамол» , ки дар самти «Маданият ва санъат» таҳсил мегиранд, иштирок намуданд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз озмун.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ. (ӮзА).***

*Минбари донишҷӯй*

# ВАҚТ – КИШТИИ НАҶОТ

Вақт – ҳаёт, имкониятҳои нав ва ғояҳои тоза, киштии наҷотест, ки моро ба сӯйи як мақсади муайян мебарад. Дар ин киштӣ зиндагӣ карда, мо ба мушкилоту санҷишҳои гуногун рӯ ба рӯ мешавем. Шахсе, ки метавонад аз тӯфонҳову боронҳои ин роҳ наҷот ёбад, ҳамон касест, ки ба қадри воқеии вақти худ мерасад. Ҳангоми ҳаракат дар киштии ҳаёт мо ба нерӯҳои дигаре ҳам дучор меоем, ки моро аз роҳ мекашанд. Яке аз мушкилоти ҷиддии асри XXI ин телефон аст. Мо ҳатто агар барои худ вақт ҷудо накунем ҳам, барои телефон ҳамеша вақт меёбем, ҳатто гоҳе аз хӯрок парҳез карда, пули онро ба телефон сарф мекунем ва қисми зиёди умри худро беҳуда мегузаронем.

Телефон як воситаи исрофи вақт аст, агар аз он дуруст истифода набарем.

Барои мисол, видеоҳое, ки мо дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебинем, мазмун ва маъноҳои паст доранд.

Тарзи истифода аз вақт ба худи ҳар шахс вобаста аст. Агар бо мисоли донишҷӯён бигӯем: як нафар китоб хонда аз телефон ба мақсади муайяни худ истифода барад, дигар донишҷӯ бемақсад, беҳуда вақти худро бо телефон ва бозиҳои гуногун мегузаронад.

Агар ба гузашта назар андозем, мутафаккирони бузурги мо Абӯалӣ ибни Сино асарҳои «Қонуни тиб», «Китоби наҷот», «Салмон ва Ибсол», Имом ал-Бухорӣ асарҳои «Ал-ҷомеъ ас-саҳеҳ», «Тафсири Қуръон», «Ал-адаб ал-муфрад» ва Абӯнасри Форобӣ китобҳои «Гавҳарҳои донишмандӣ», «Рисолаи таснифи илмҳо», «Китоби мусиқии бузург»-ро офаридаанд. Рӯзи онҳо ҳам 24 соат дошт. Мо метавонем гӯем, ки онҳо ба қадри вақти худашон беҳтар мерасиданд. Аз ҳамин сабаб, ҳатто баъди ҳазорсолаҳо низ мо то ҳол аз осори онҳо истифода мебарем.

Агар ҳар як шахс телефонро ҳамчун восита барои расидан ба ҳадафҳои худ истифода накунад, пас инсон барои телефон офарида шудааст, на телефон барои инсон.

Вақт неъмати бузург мебошад, тарзи истифодаи он ҳатман дар дасти мост ва мо бояд ба қадри он расем. Аз имрӯз сар карда, аз телефон, ки бисёр корҳои мо ба он вобаста аст, дуруст истифода барем. Аз баъзе шабакаҳои иҷтимоӣ, ки ба мафкура, одобу тарбияи мо зарари манфӣ мерасонанд ва баъзе бозиҳое ҳастанд, ки одамонро нобуд мекунанд ва монанди онҳо худро нигоҳ дорем.

**Бойхон МӮЪМИНОВ,**
**донишҷӯйи соли сеюми бахши забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Фарғона.**

# ЭЪТИРОФИ ШУҲРАТИ ҶАҲОНИИ ҲОФИЗ ДАР ҚАРОРГОҲИ ЮНЕСКО

*Бузургдошт*



**_Дар қароргоҳи ЮНЕСКО, воқеъ дар шаҳри Парижи Фаронса таҳти унвони «700 сол бо Ҳофиз» бахшида ба бузургдошти Ҳофизи Шерозӣ конфронс, намоиши байналмилалӣ ва барномаи фарҳангӣ баргузор гардид._**

Дар конфронс, ки бо мақсади омӯзиши амиқи осори беназири Ҳофизи Шерозӣ ва эътирофи арзиши воқеии саҳми ин абармарди сухану адаб дар тамаддуни башарӣ доир гардид, намояндагони адабиёту фарҳанги Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Ӯзбекистон иштирок карданд.

Нотиқон дар мавзӯъҳои «Ҳофизи Шерозӣ – шоир, файласуф ва ориф», «Зарурати шинохти осори адабии Ҳофиз», «Ҳофиз ва таъсири эҷодиёти ӯ бар фарҳангҳои ҷаҳонӣ», «Ҷойгоҳи инсони озодманиш дар ашъори Ҳофиз», «Арзишҳои инсондӯстӣ, сулҳофаринӣ ва таҳаммулпазирӣ дар эҷодиёти Ҳофиз», «Тараннуми дӯстӣ дар ашъори Ҳофиз», «Ниёзҳои ҷаҳони имрӯз ба дарки андешаҳои Ҳофиз», «Вижагиҳои мумтози ашъори Ҳофиз аз назари мунаққидони адабӣ ва фалсафӣ» ва «Панди Ҳофиз– ҳидоятгари инсонҳо ба сӯи камолоти маънавӣ» баромад карданд.

Дар ифтитоҳи расмии намоиш вазири фарҳанги Тоҷикистон Матлубахон Сатториён ва муовини Дабири кулли ЮНЕСКО Лидия Брито роҷеъ ба мақому манзалат ва саҳми мондагори Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ дар рушди адабиёти оламшумули тоҷику форс ҳарф заданд.

Дар намоиш нусхаҳои дастнавис, китобҳои чопи сангии «Девон»-и Хоҷа Ҳофиз, мусавварахои шоир, ки аҳамияти бузурги илмӣ ва таърихию фарҳангӣ доранд, пешниҳоди тамошобинон гардиданд.

Инчунин намунаҳои ҳунари хушнависӣ ва асарҳои санъати миниётурнигорӣ, ки аз ҷониби рассом-миниётурнигори тоҷик Олимҷон Комилзода дар асоси ғазалиёти Ҳофиз тасвир гардидаанд, ба маърази тамошо гузошта шуданд.

Дар доираи барномаи фарҳангӣ бо иштироки ҳунармандони ансамбли давлатии «Шашмақом»-и ба номи Фазлиддин Шаҳобов, ансамбли рақсии «Гулрез» ва ҳамовозии Оркестри ҳунарии Париж суруду таронаҳо аз эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ иҷро гардиданд. Меҳмонон ва иштирокдорон сурудҳои дилкаш ва оҳангҳои ҷаззобро хуш истиқбол намуданд.

Ёдовар мекунем, ки шоир ва мутафаккири бузург Хоҷа Шамсуддин Ҳофизи Шерозӣ аз зумраи бузургтарин шоирони тоҷику форси асри XIV аст, ки дар сархати соҳибдевонҳои машҳуру мондагори адабиёт қарор дорад.

Осори Ҳофиз ба қатори дастовардҳои тамаддуни дунё дохил шуда, ӯ ҳамчун яке аз бузургтарин шоири лирики беназир дар Шарқу Ғарб эътироф мегардад. Шоирон ва мутафаккирони Аврупо низ ашъору афкори Ҳофизро пайравӣ намуда, аз ашъори дилнишини ӯ баҳра бурдаанд.

**Мухбири худамон.**

*Мавзӯъ барои мулоҳиза*

# «ДИЛАМБА ЗАН БОБО»

Шом мерасид. Дар атрофи даромадгоҳи тарабхонаи бошукӯҳ меҳмонони бисёр ҷамъ омада, бо хешу табори худ, гурӯҳ-гурӯҳ мунтазири арӯсу домод буданд. Ман дар курсии зери арчаи ҳамешасабз менишастам.

– Гапҳои таъинкардаам аз ёдатон набурод! – аз он тарафи арча овози ҷавонзан ба гӯшам расид. – Агар рӯзи гузашта барин дӯлоб кунед, дигар ба тӯй намебиёрам.

– Монед келин, бачаҳоро ин қадар ҷанг накунед, – мегуфт зани дигар.

– Бийимулло, шумо ҳамеша тараф мегиред. Кай инҳо чаққон мешаванд? Як ҳафта пеш ба фотиҳатӯй бурдам. Пулпошӣ зӯр шуд, ҳама бачаҳо бо пулчинӣ машғул, ин гӯсолаҳо гаранг истодаанд. Ҷонам баромад. Вақти рақсу бозӣ бачаҳои дигар даррав аз дасти модарашон пула мегиранд. Чашми ман бачемро мекобад, ин гӯрсӯхтаҳо нестанд. Дар дастам беш аз дусад ҳазор сӯм ҷамъ шуд, раққоса гирифта рафт. Дилам як сӯхт...

– Садқаи сар ҳамон пул, тӯйро тамошо кунанд шуд.

– Ие, хароҷоти манро кӣ мебардорад? Ӯ..ӯ, гарангҳо, пушт-пушти келину домод медароед. Чаққон-чаққон пулро чинед. Вақти усул Нозима пеши онетба, Мирзо, ту назди ман мебиёӣ. Агар ҳамин рӯз ҳам шарманда кунед, рӯзатонро сиёҳ мекунам.

– Шуд-е келинҷон, одамон шунаванд, чӣ мегӯянд?

– Гардед бийимулло, одамҳо ба ресторан даромайсен, бе ҷой намонем.

«Кӣ бошад ин, ба бачаҳояш шарт гузошт?» – ҳисси кунҷковиам афзуда нигоҳ кардам. Ҷавонзани сисола, зани миёнсол ва духтарчаи тахминан даҳсолаву писараки ҳаштсола ҷониби тарабхона мерафтанд.

Оғози ҷашн, меҳмонон бо даъвати баранда арӯсу домодро кафкӯбон пешвоз гирифтанд. Соҳибтӯён ба якдигар навбат надода, аз болои навхонадорон пулҳоро пош медоданд. Пул чун кабӯтарони навбол парафшон поён фаромада, болои сару китфи ҷӯраҳои домод, дугонаҳои келин, зери пой пош мешуданд. Кӯдакон бо часпу талош пулчинӣ мекарданд.

Вақте ки дар ресторани Маскав кор мекардам, борҳо дида будам, ки насрониҳо аз болои арӯсу домод арзану гандум ва ҳалво мепошиданд. Аз соҳибтӯён сабаби онро пурсида будам, арзану гандумро барои фаровонии рӯзгорашон, ҳалворо барои ширин шудани ҳаёти оилавиашон мепошанд, гуфта буданд.

Дар мо иззату икром, эҳтиром нисбат ба пуламон хуб нест. Ин манзараро дида, суханҳои ҷавонзан ба хотирам омад. Ба худ савол додам, ки «наход ҳамаи модарон фарзандонро бо чунин ният ба базм меоваранд?» Кафкӯбон маҳзун ба сӯмҳои паррон, ба духтаракону писарони пулчин нигоҳ мекунам. Дилам ба шӯр меояд, овози ботиниам фарёд мекашад: «Эй халқи баору номусам. Куҷо рафт нангу орат? Куҷо шуд шарму ҳаё? Аз кӯдакӣ фарзандонатро ғуломи симу зар мекунӣ. Муборизи сарвати дунёи гузарон. Бефарқ ба забони модарӣ, бефарқ ба каломи ниёгони оламафрӯз месозӣ...»

Мижгонам қадре тар гардид. Ҳампаҳлӯям маро аз олами андешаҳо берун овард. Ба он нозу неъмат, нуқлу навои рӯйи дастархон бо иштиҳои баста назар афкандам, ҳайфам омад. «Мо – бандагони шири хомхӯрдаро бубахш, Офаридгор!» гуфтаму болои кӯрдуди дилам ду-се қадаҳ шароб рехтам. Хостам хомӯш шавад, вале аланга гирифт.

Мутрибони ҳаваскор сурудҳои «паст»-ро бо овози баланд месуруданд, ки деворҳои толор ба ларза меомад:

*Боҷа, ҳӯ, боҷа.*
*Биё, май менӯшем.*
*Май кай менӯшем.*

Ё Аллоҳ! Ин бандагонатро, миллати моро кадом шайтони лаин гумроҳ кард?

Аз Маликушшуаро Устод Рӯдакӣ то имрӯз шоирони ширинзабону ширинкаломи мо шеъру ғазалҳои хубу равон эҷод кардаанд ва мекунанд. Вале ҳофизон адабиёту фарҳанги миллиро бо чанд ашӯлаи кӯчагӣ, назди мардуми олам берӯҳу хароб нишон медиҳанд. Дилам фарёд мекашад, ки «Эй ҳофизу сарояндагон, ҳангоми суҳбат бо ифтихор мо тоҷикем, ба адабиёти миллӣ эҳтиром дорем», мегӯед, аммо дар базм, дар тӯю маърака сурудҳои бемаъниро месароед».

*Диламба зан бобо,*
*Ҷонамба зан бобо.*
*Будас набудас як бобои*
*Хурӯсбоз будас....*

Садои баланди «Диламба зан бобо», ки ба дил фишор меовард, дару девори толорро гӯё мекафонд. Саҳна аз раққосаву раққосҳо пур буд. Пиру ҷавон, зану духтар дастафшону пойкӯбон, китфу синаларзон мерақсанд.

«Аз назди ману онет дур нарав!» – гуфтани ҷавонзан боз зери гӯшҳоям садо дод. Бо нигоҳам он ҷавонзану модаршӯяшро кофта ёфтам. Соҳибтӯй, хешовандон, ҷӯраҳои домод барои ҳурмат ба меҳмонон сӯмҳои ҳазорӣ, панҷҳазорӣ мечаспониданд. Модарону бибиҳо рақскунон пулро гирифта, ба фарзанду наберагон дароз мекарданд. Раққосаҳои уқобчангол аз давра ба давра гузашта, сӯм мечиданд. Беихтиёр ин байтҳои Абӯшакури Балхӣ ба сар зад:

*Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон*
*Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон.*
*Чу гардад калон боз натвонадаш,*
*Ки аз кажжию хам бигардонадаш.*

Ҳақ бар ҷониби шоир аст. Тарбияи бад, диҳад рӯзе ғаму дард. Фарзанд вориси падару модар аст. Бояд дар хотир дошт, ки ҳар як рафтори оилавию ҷамъиятии волидон, таҳти назорати фарзандон мебошад. Фарзанд низ аз обрӯ, шуҳрат ва комёбиҳои падару модари хеш ифтихор мекунад. Агар рафтору кирдори волидон дағал, риёкорона бошад, самараи онро аз фарзандони худ хоҳанд дид.

Дилам фишор овард, аз ҳавои тарабхона бемадор шуд. Ба саҳни ҳавлии базмгоҳ баромадам.

Аз зинапоя ҳамон ҷавонзан бо модаршӯю бачаҳояш мефаромад. Ҷавонзан роҳравон пулҳоро ҳисоб карду қаноатмандона ба фарзандонаш бо меҳр нигарист. Сари писаракро навозиш карда:

– Офарин, 300 ҳазор кор кардетон, ҳафтаи оянда ба тӯйи тағобобо меравем, – гуфт.

**Комил ҶӮРАЗОДА,**
*САМАРҚАНД.*

**Дар ҷевони китоб**

***Дар китобхонаи ахбор-ресурси ба номи Пушкини шаҳри Самарқанд рӯнамоии китоби дуюми ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд», узви Иттифоқи журналистони Ўзбекистон Тошқул Азимзода бо номи «Ҳикмати дидор», ки ба забонҳои тоҷикӣ ва ўзбекӣ нашр шудааст, баргузор гардид.***

# «ҲИКМАТИ ДИДОР» – ҲИКМАТИ ЗИНДАГӢ

Бо ҳамин муносибат дар толори китобхонаи мазкур аҳли фарҳангу адаб, санъаткорону мухлисони каломи бадеъ ҷамъ омаданд.

Ба чорабинӣ муҳаррири рӯзномаҳои «Зарафшон» ва «Самаркандский вестник» Фармон Тошев ҳусни ифтитоҳ бахшида, таъкид намуд, ки дар Самарқанд эҷодкорони зуллисонайн хеле бисёранд ва онҳо анъанаҳои неки гузаштагонамонро дар сатҳу сифати баланд идома медиҳанд.

– Бо амри тақдир мо бо адиби номдори Самарқанд Тошқул Азимзода ҳамкору ҳамдил ҳастем, – иброз дошт сардабири рӯзномаи «Овози Самарқанд», доктори фанҳои фалсафа Баҳодури Раҳмон, – боиси хушнудист, ки чанде пеш ҳамкори мо Азимзода ба синни муборaки 75 расида, туҳфаи арзанда – китоби «Ҳикмати дидор»-ро пешкаши мухлисони каломи бадеъ намуданд.

Умед дорем, ки минбаъд низ адиб бо асарҳои тозанашри хеш аз дили хонандагон ҷой мегирад.

**Тадбири «90 рӯзи зарбдор!» – дар амал**

# ТАЪТИЛ ХУШ МЕГУЗАРАД

***Тобистон – айёми дилнишину гуворои бачагон аст. Зеро таътили тобистона оғоз ёфта, бо фароғат истироҳат кардан ва бо аҳли оила ва ё дўстон ба сайру саёҳат баромадан мумкин мебошад. Чанде пеш бо иштироки ходимони таълими халқ ҷамъомади видеоселекторӣ аз ҷониби Президент баргузор гардид, ки масъалаи истироҳати мактаббачагон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Бо супориши сарвари давлатамон «90 рӯзи зарбдор» эълон шуд, ки мақсади асосӣ босамар ва фоидабахш гузаштани таътили тобистона аст.***

Албатта як қисми толибилмон дар истироҳатгоҳи берун аз шаҳр ва маҳфили ҳаваскорони санъати бадеӣ ва варзиш машғул мешаванд, вале на ҳамаи волидон имконияти пардохти музди роҳхат ба истироҳатгоҳи пулакӣ ва назди репетитор фиристодани фарзандону наберагон доранд.

– Ана барои ҳамин дар назди мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ лагерҳои истироҳатӣ ташкил дода, кўшиш ба харҷ медиҳем, ки таътили тобистона хушу пурсамар гузарад, – барафзуд мудири шуъбаи садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Самарқанд Акмал Олимов, – соли равон аллакай дар 57 мактаб истироҳатгоҳи тобистона таъсис ёфта, масъулони соҳа таъин гардиданд. Дар онҳо ҳатман маҳфилҳои «Китобхони ҷавон», «Барномасози ҷавон» ва ғайра ташкил шудаанд. Инчунин гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ, шаби адабӣ, тақдимоти асарҳои бадеӣ, барномаҳои консертӣ пешбинӣ шудааст. Дар мактабҳои вилоят 1268 маҳфилҳои гуногун ташкил ёфтанд, ки ба онҳо 152 ҳазор нафар хонандагон ҷалб шудаанд. Инчунин дар 17 мактаби «Баркамол авлод» 1363 маҳфили гуногун таъсис ёфта, 43 ҳазору 86 нафар аъзо аз рўйхат гузаштаанд.

Имрўзҳо дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии рақами 5, 7, 9, 55, 62, 64, 67, 81 ва ғайра дар асоси талаботу супориши сарвари давлатамон «90 рўзи зарбдор» тадбирҳои судбахш амалӣ гардид, ки лоиқи таҳсину ситоиш аст.

– Дар як баст то 100 нафар писаракону духтаракон ба истироҳатгоҳи назди мактаб ҷамъ омада, дар маҳфили ҳаваскорони бадеӣ, касбомўзӣ, варзишӣ истеъдоди худро сайқал медиҳанд, – гуфт сарвари таълимгоҳи рақами 9-уми шаҳри Самарқанд Дилбар Мавлонова, – кўшиш мекунем, ки бачаҳо дилгир нашуда, вақти худро пурсамарона истифода баранд. Муҳимаш тамоми хидматрасонӣ ройгон аст.

Дар омади гап бояд таъкид намуд, ки собиқ талабаи мо Бахтиёр Фозилов – соҳибкори номдори Самарқанд, роҳбари ширкат буда, барои ривоҷу равнақи мактабамон бисёр корҳои фоидабахши савобро карда истодааст. Маҳз бо ташаббуси вай чанд бинои иловагӣ қад афрохта, ашёҳои аёнии синфҳо пурра ҷиҳозонида шуд.

Боиси хушнудист, ки аз бисёр будани маҳфилҳои гуногун бачаҳо бо завқу шавқ вақтгузаронӣ мекунанд.

– Умуман, дар таътили тобистонаи «90 рўзи зарбдор» 210 ҳазору 651 нафар хонанда фаъол иштирок намуда, таътилро дилнишину гуворо мегузаронанд, – хулоса намуд Акмал Олимов.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

**Одаму либос**

# ҶОМА БА АНДОЗАИ ҚОМАТ ХУШ АСТ

Имрўз ба ҳавлии падарӣ ба меҳмонӣ меравам. Ҳавлии падар чун оҳанрабо маро ба худ мекашад. Модари меҳрубонам корашро як сў гузошта бо хурсандӣ ба пешвозам мебароянд. «Биё, духтарҷон, туро пазмон шудам» мегўяд. Ба сурати дар девор овезони падари раҳматиам чашм медўзам. Падарам низ «Духтарам омадӣ? Аз ҳоли модарат зудзуд хабар гир» мегўяд гўё...

Субҳ хеста корҳои хонаро зуд-зуд анҷом додам. Ҳавлӣ рўфтам, ошхонаро саранҷом карда, ба хушдоману падарарўсам хўрок омода кардам. Ба хонаи хоб даромада, ҷевони либосҳоямро аз назар гузарондам. Кадом куртаамро пўшам, кадоме ба модарам маъқул меафтад? Бо ҳамин андеша кофтаю шими ба қарибӣ харидаамро ба даст гирифтам. «Модарам ҳоло инро надидааст, албатта ба ў мефорад» аз дил гузарондам. Ва беихтиёр воқеае, ки дар хурдсолӣ дар ҳавлии падарӣ рўй дода буд, пеши назар овардам...

Падарам (охираташ обод бод) ба либоспўшии мо – духтарон эътибори ҷиддӣ медод. Рўзе вақте маош гирифт, як миқдори онро ба модарам дода гуфт:

– Ба дўкон бароию ба духтарҳо либос хар. Таътили тобистона ҳам наздик шуда истодааст. Онҳоро ба деҳа, назди бобою момояш мефиристем. Куртаю пойҷомаи тоҷикона, ба шароити деҳа муносибро харид кун. Боз ҳамдеҳагон нагўянд, ки духтарони фалонӣ «шаҳрӣ» шудаанд.

Чор хоҳар бо модарам дўконҳоро давр задем. Дер боз мехостам чун дугонаҳои шаҳриам либос пўшам. Модарам низ ҳамон рўз раъйи ману хоҳаронамро нагардонд, либоси худамон хостаро харид. Аз бозор бо табъи болида ба хона баргаштем.

Бегоҳӣ падарам аз кор омад. Баъди тановули таом ва каме дам гирифтан ба мо нигоҳ карда гуфт:

– Хўш, духтарҳо, либосҳои наватонро пўшида бароед-чӣ, бинам?

Чор хоҳар куртаҳои нав харидаамонро пўшида назди падар «саф» оростем. Падарам як-як ба мо нигоҳ карду «муборак шавад, хеле зебидааст» гуфт ва ба модарам ишораи ба хонаи дигар гузаштанро кард. Аз хонаи дарун садои падарам баланд шуд:

– Ту пўшокхариро ҳам намедонӣ, дўхтудўз тамоман аз дастат намеояд, ақаллан хубтарашро нахаридаӣ, куртаҳо кўтоҳ, танг. Намехоҳам ҳамдеҳагон аз тарбияи духтарони ман норизо шаванд. Инҳоро ба дўкон баргардон!

– Додош, дар дўконҳо ҳамаи либосҳо ҳамин хел намуди урупоӣ доранд. Охир, духтарон ҳам чун ҳамсиннону дугонаҳои худ пўшидан мехоҳанд.

Бо супориши падари якравам модарам он либосҳоро ба дўкон баргардонда буд. Баъди ҳамон модарам барои деҳа либоси алоҳида мехарид ё ин ки медўзонд. Модаркалонам дўзанда буд, барои духтарнабераҳои шаҳриаш куртаю эзор медўхт.

Ҳоло дар шаҳр зиндагӣ мекунам, мувофиқи урф, ба гуфтаи падарам чун «шаҳриён» либос мепўшам.

Кофтаю шими навамро пўшида, роҳи ҳавлии падарро пеш гирифтам. Ману писарчаамро дар дами дарвоза модарам бо чеҳраи хандон пешвоз гирифт. Якяк ба оғўш кашида, бо табассум «либосат хеле зебидааст» гуфт. «Хайрият» – гуфтам дар дилам ва хотирҷамъ ба ҳавлӣ даромадам.

Дар хонаи падар гўё вақт зуд мегузарад. Соатҳои ба назди шавҳар рафтан фаро расид. Модарам набераашро бўсида «калон шав, боодоб шав» гуфта дуо кард ва маро низ ба бағал гирифта, оҳиста гуфт: «Духтарам, либосат тангтар будааст, назди хушдоману падарарўсат ин хел нагард. Хушдўхту зебанда либоси миллии худамонро пўш. «Ҷома ба андозаи қомат хуш аст».

Ин ҳарфҳои модарҷонам, ки бо навозиш, бе ягон ғараз мефаҳмонд, бароям сабақи зиндагӣ гардид.

**Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**




*Дар мамлакатамон бобати боз ҳам равнақ додани варзиш, солим ва ҷисмонан бақувват ба воя расондани авлоди ҷавон корҳо муттасил пеш бурда мешаванд. 13 феврали соли равон дар ҷамъомади видеоселекторӣ таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев низ оиди омодагӣ ба Бозиҳои олимпӣ ва Паралимпӣ, айни замон рушди оммавии варзиш вазифаҳо муайян шуданд. Бо ин мақсад мактаби маҳорати футболи Наманrон пурра аз таъмир баромад ва қиёфаи замонавӣ гирифт.*

*Ин маҷмааи варзишӣ дар доираи Ҷашнвораи байналхалқии гулҳо ба таври тантанавӣ ба истифода супурда шуд.*

*Барои ин лоиҳа аз буҷаи маҳаллӣ бештар аз 7 миллиард сўм ҷудо гашт. Дар ин ҷо ба зиёда аз 600 нафар тарбиягирандагон 36 нафар мураббӣ асрори бозии футболро меомўзонанд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз чорабинӣ.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

# АМИНАБОНУ – ФАХРИ МАКТАБ

***Дар шаҳри Намангон мусобиқаи бонуфузи байналхалқӣ оид ба шоҳмот баргузор гардид. Дар мусобиқа 240 нафар варзишгарон аз кишварҳои гуногун барои пирўзӣ талош варзиданд.***

Дар мусобиқаи мазкур хонандаи синфи дуюми мактаби рақами 10-уми ноҳияи Самарқанд Аминабону Зоҳирова дар байни ҳамсолонаш ҷойи фахриро ишғол кард.

Моҳи август шаҳри Остона ба чемпионати ҷаҳон оиди шоҳмот мизбонӣ хоҳад кард ва Аминабону шарафи Ўзбекистонро дар мусобиқаҳои бонуфуз ҳимоят мекунад.

Имрўзҳо мураббиён Муҳаммад Султонмуродов ва Одил Собиров ба ў асрори шоҳмотро пайваста ёд медиҳанд.

Умед дорем, ки шогирди соҳибистеъдоди мактаби мо комёбиҳои назаррасро ба даст оварда, ҷойҳои фахрӣ насибаш мегардад.

**Холида ШАМСИДДИНОВА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# КИТОБЕ, КИ ПАЗМОНАШ БУДАНД

*Мусоҳиба бо муаллифи китоби «Педагогикаи умумӣ»*

***Ҳар китобе, ки имрўз дар дасти хонандагон ва донишҷўён қарор мегирад, натиҷаи талошҳои чандсолаи пайгиронаи олимон ва муҳаққиқон аст. Аз лаҳзаи пайдо шудани андешаи аввал то ба нашр расидани китоб, муаллиф роҳе тўлонӣ ва пур аз санҷишу заҳматро тай мекунад. Ин роҳ танҳо навиштани матн нест, балки маҷмўи таҳқиқот, мутолиа, муқоиса, таҷриба ва ислоҳот аст, ки хеле вақт давом кардааст.***

***Оре, ба шарофати чунин заҳматҳо, хонандагон ва донишҷўён метавонанд аз сарчашмаҳои боэътимод истифода бурда, донишҳои мукаммал ба даст оранд. Ҳар як китоби дарсӣ, ки ба дасти хонанда мерасад, натанҳо як маҷмўи иттилоот, балки мероси илмиест, ки фикри наслҳои ояндаро рўшанӣ мебахшад. Дар паси ҳар як китоби дарсӣ, ки имрўз дар дасти хонандагон ва донишҷўён қарор мегирад, роҳи пурмашаққати олимон ва муҳаққиқон нуҳуфтааст. Ин раванд танҳо ба навиштани як матн ё ҷамъоварии маълумот маҳдуд намешавад. Баръакс, он маҷмўи таҳқиқот, мутолиа, санҷиш, муҳокима, таҷриба ва ислоҳотро дар бар мегирад, ки солҳои дароз идома мекунад.***



Аз пайдоиши ғоя то ба нашр расидани китоб, муаллифону муҳаққиқон на танҳо донишҳои мавҷударо меомўзанд, балки онҳоро бо таҳқиқоти нав мутобиқ месозанд ва кўшиш мекунанд, ки маводи таълимиро бо забони сода, равшан ва дақиқ пешниҳод намоянд.

Муаллифи китоби тозанашре, ки бо унвони «Педагогикаи умумӣ» дар дасти мост, Абдуллоҳи Тоҳириён мебошад. Вай хатмкардаи бахши таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, солҳо устоди кафедраи таърихи сиёсии донишгоҳи номбурда буд. Баъдан номзади илмҳои таърих. Солҳои 2010-2016 мудири кафедраҳои «Ғояи миллӣ ва асосҳои маънавият», «Методикаи таълими фанҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ»-и Институти бозомўзӣ ва такмили ихтисоси ходимони таълими халқи вилояти Тошканд, проректор оид ба корҳои таълим.

Солҳои 2018-2021 директори Маркази бозомўзӣ ва такмили ихтисоси ходимони таълими халқи вилояти Андиҷон.

Мавсуф аз соли 2021 мудири кафедраи «Технологияҳои таълим»-и Донишгоҳи миллии Ўзбекистон аст.

Гуфтем:

**– Лутфан, ба рўзномахонҳо дар бораи худ ва сабаби таҳияи китоби «Педагогикаи умумӣ» маълумот медодед.**

– Банда муддати начандон тўлонӣ дар соҳаи маориф ва тадқиқоти педагогӣ фаъолият мебарам. Бо вуҷуди ҳамин, ҳангоми тадриси фанни педагогика мушоҳида кардам, ки донишҷўён имрўз ба манбаи фарогир ва муосири таълимӣ ниёз доранд. Ин ҷо мадди назар гурўҳҳои донишҷўёни он донишгоҳҳое ҳастанд, ки ба забони тоҷикӣ таҳсил мекунанд. Маводе, ки барои онҳо дастрас аст, то андозае ҷавобгўи талаботи замона нест. Аз ин рў, қарор додам, китоберо таҳия кунам, ки ҳам назарияи педагогикаро равшан шарҳ диҳад ва ҳам ба талаботи таълими имрўза ҷавобгў бошад. Ин тасмими банда буд, арзёбӣ ба ихтиёри онҳое, ки аз китоб истифода мебаранду шояд заррaҳо аз маърифат пайдо кунанд.

**– Таълифи китоби дарсӣ (таълимӣ) басо масъулиятталаб. Ҳамин тавр нест?**

– Бале. Китоберо ба даст гирифта, варақгардон кардани саҳифаҳои он барои аксари хонандагонаш аз назари танқидӣ, тахминан ба мазмуни: «чӣ дошта бошад, чӣ чизи наверо ба тасвир оварда бошад?» сар мешавад. Воқеан, ҳар як китоб бо як андешаи даруни қолиб оғоз меёбад. Илмӣ аст, бадеӣ аст ва ё дигар. Бахусус, дар ҳолати китоби дарсӣ, аввал олим бо назардошти талаботи дастури таълим аз худ мепурсад: «Чӣ гуна метавон донишро ба хонандагон дақиқ ва фаҳмо расонид?» Барои посух ёфтан ба ин савол, вай ба мутолиаи васеи маводи илмиву услубии мавҷуда мепардозад, бо дигар муҳаққиқон машварат мекунад ва роҳҳои нави омўзишро мавриди таҳлилу таҷзия қарор медиҳад.

Пеш аз ҳама, марҳилаи аввалини таҳқиқ муҳим аст, зеро устод ва олими ҳақиқӣ қабл аз ба қалам овардани ҳар як сатр бояд худ амиқ фаҳмад, ки чӣ навиштанист. Вай манбаъҳои илмиро таҳлил намуда, ақидаҳои мухталифро месанҷад, то муҳтавои китоб бо донишҳои муосир мутобиқат дошта бошад. Пас аз таҳқиқоти амиқ, ба навиштани матни китоб оғоз мекунад. Дар ин зина, вай на танҳо донишро ҷамъбаст мекунад, балки онро ба таври фаҳмо ва низомманд баён менамояд, то хонандагон битавонанд онро дуруст дарку ҳазм кунанд.

Навиштан кори осон нест. Ҳар як мафҳум бояд бо далелҳои илмӣ асоснок бошад, мисолҳо ва шеваи шарҳ бояд ба сатҳи фаҳмиш ва омодагии хонандагон мувофиқат кунад. Ҳар ҷумла ва ҳар саҳифа борҳо бознигарӣ ва ислоҳ мешавад. Муаллиф ҳангоми навиштани китоб бояд на танҳо ба мазмуни он диққат диҳад, балки забони илмиро низ риоя кунад. Чунки калимаҳои нодуруст, иборaҳои нофаҳмо ва далелҳои нопурра метавонанд хонандаро ба иштибоҳ андозанд.

**– Китоби Шумо аз дигар сарчашмаҳои таълими педагогӣ чӣ фарқ дорад?**

– Дар таҳияи китоби дарсӣ, дар замони мо, дубора кашф кардани дучарха зарурат надорад. То имрўз пойдевори қавии ҳама роҳу равиш, усулу воситаҳои таҳияи маводи омўзишиву таълимӣ, минҷумла, китоби дарсӣ, офарида шудаанд. Моро имрўз кифоя аст, ки ба такмилу тарвиҷ ва мутобиқати мавод ба талаби замон андак саъй кунем. Ҳама гуна китоби дарсӣ мувофиқ ба барномаи таълимии роиҷи кишвар таҳия мешавад. Аммо фарқи ин китоб аз манобеи пештар нашршуда аз аввалин сатрҳои он эҳсос мешавад. Пеш аз ҳама, то қадри имкон китоби «Педагогикаи умумӣ» бо услуби равон ва содда навишта шуд, то ки ҳам омўзгорон ва ҳам донишҷўён онро бо осонӣ дарк кунанд. Ғайр аз ин, китоб на танҳо назарияҳои асосии педагогикаро фаро мегирад, балки мисолҳо аз таҷрибаи таълимии муосир ва усулҳои инноватсиониро низ ба таҳлил гирифт.

Ба назарам, барои муаллиф муҳим аст, ки дар китоб нуктаҳои баҳсбарангез ва маълумоти кўҳнашуда ҷой нагиранд. Аз ин рў, вай бояд ба таҳқиқоти муосир такя карда, ҳар як маълумоти овардашударо бо далелҳои мўътамад асоснок намояд. Аз ин лиҳоз, дар китоб мавзўъҳое ҳастанд, ки метавон онҳоро барои фанни педагогика нав ё ҷавобгўи талаботи муосир шуморид. Масалан:

1. Педагогикаи электронию рақамӣ – истифодаи технологияи иттилоотӣ дар таълим, омўзиши онлайн ва таъсири он ба равандҳои таълим.
2. Психологияи таълим дар асри рақамӣ – чӣ гуна равоншиносӣ ва педагогика бо ҳам мутобиқ мешаванд, вақте ки муҳити таълимӣ бештар рақамӣ мешавад.
3. Методикаи таълими фардигардонидашуда – усулҳое, ки ба эҳтиёҷоти инфиродии ҳар хонанда мутобиқ карда мешаванд.
4. Компетенсияҳои нарм (soft skills) дар таълим – чӣ гуна мактаб ва муаллимон метавонанд малакаҳои иҷтимоӣ, идоракунии эҳсосот ва ҳамкориро таълим диҳанд.
5. Этикаи истифодаи технология дар таълим – масъалаҳои ахлоқӣ, ки бо истифодаи васеи технология дар мактаб ва донишгоҳҳо ба вуҷуд меоянд.

**– Ҳангоми таҳияи китоб ба мушкилоте рў ба рў шудед?**

– Яке аз мушкилиҳои асосӣ мутобиқсозии мўҳтавои китоб ба сатҳи фаҳмиш ва талаботи гуногуни хонандагонаш буд. Ҳамчунин, лозим омад, ки методҳои пешқадами таълимиро таҳлил ва мутобиқ кунам, то китоб ҳамзамон ҳам илмӣ ва ҳам амалӣ бошад. Мушкилоти асосӣ зимни баррасӣ ва такмили ниҳоии китоб пеш меояд. Пас аз навиштани матн, китоб бояд аз ҷониби дигар мутахассисон санҷида шавад. Дар ин марҳила, ҳамкасбон онро мехонанд, пешниҳодҳои худро ироа ва хатоҳоро таъкид мекунанд. Баъзан лозим меояд, ки бахшҳои муайян аз нав навишта шаванд ё ҳатто тамоман тағйир ёбанд. Ғайр аз таҳрири илмӣ, китоб инчунин аз таҳрири услубӣ ва техникӣ мегузарад, ки барои дурустии имло, грамматика ва тарзи пешниҳод муҳим аст. Дар баъзе мавридҳо, ҳатто муҳтавои китобро бо стандартҳои нави таълимӣ ва методикаҳои муосир мутобиқ мекунанд.

Зинаи дигар ва басо хос, ин нашр ва паҳн шудани китоб мебошад. Ҳангоме ки ҳамаи ислоҳот анҷом ёфтанд, китоб ба чоп омода мешавад. Аммо масъулияти муаллиф ҳатто дар ин марҳила ҳам ба поён намерасад. Вай бояд назорат кунад, ки китоб дуруст нашр шуда, ба хонандагони мақсаднок дастрас гардад. Муаллиф бо хонандагон ва омўзгорон робита барқарор мекунад, фикру мулоҳизаҳои онҳоро дар бораи китоб меомўзад ва онро дар нашрҳои оянда такмил медиҳад. Дар муҳити илмию таълимӣ, дониши нав ҳамеша пайдо мешавад ва китоб низ бояд бо пешрафти илм ҳамқадам бошад.

**– Ба омўзгорон ва донишҷўёне, ки мехоҳанд ин китобро истифода баранд, чӣ тавсия медиҳед?**

– Бояд таъкид кунам, ки китоби дарсӣ аллакай ба китобхонаҳои донишгоҳҳои давлатии Самарқанду Фарғона ва Донишгоҳи омўзгории Чирчиқ расидааст ва барои истифода пешниҳод шудааст. Ҳамчунин, ба ҳайси муаллиф тавсия медиҳам, ки маводи китобро танҳо ҳамчун манбаи назариявӣ қабул накунанд, балки кўшиш кунанд, то донишҳои гирифташуда дар амал татбиқи худро ёбанд. Муҳим аст, ки омўзгорон ва донишҷўён оиди методҳои таълимӣ ҳамеша навҷўй бошанд ва бо истифода аз донишҳои ин китоб, дар раванди таълим фаъолона ширкат варзанд.

**– Оё дар оянда ният доред, ки таҳқиқоти худро идома диҳед ё китобҳои дигаре нависед?**

– Бале, бале ният дорам, тадқиқоти ҳарҷӣ бештар анҷом диҳам, махсусан дар соҳаи методологияи таълим ва технологияи нав дар омўзиш. Дар оянда эҳтимолан китобҳое таҳия хоҳам кард, ки ба мавзўъҳои мушаххаси педагогикаи муосир бахшида мешаванд. Имрўз илму фанни педагогика беш аз пештара ба такмилу тарвиҷи муназзаму мунтазам эҳтиёҷ дорад. Шиддати ривоҷи шуури инсонӣ тақозо мекунад, ки ҷараёни тарбия ва таълим ба ҳама гуна таҳаввулоти ҳаётӣ ангезаи ҳассос дошта бошанд. Бинобар ин, дар шароити кунунӣ ҳамгироии илму фанҳои гуногун ба илми педагогика низ вазифаҳои ба худ хос пеш мегузорад.

**– Ташаккур барои мусоҳиба. Ба шумо дар корҳои минбаъдаи илмӣ ва педагогӣ комёбӣ мехоҳем!**

– Ман ҳам сипосгузорам! Умедворам, ки ин китоб барои омўзгорон ва донишҷўён манбаи муфид хоҳад буд.

Мусоҳиб

**М. ШОДИЕВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 3696. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.